**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №_______**

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 02.06.2025, №26

**Барои сазовор донистани Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 26 марти соли 2025, протоколи №51 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст. ( Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 08 апрели соли 2022 тасдиқ карда шуда, бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №264 аз 05 августи соли 2024 ба ҳайати шуро тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст).

Мавзуи кори диссертатсионии Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров №4 аз 28 ноябри соли 2019 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" аз 25.02.2025, №7 муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шаропов Шавкат Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муқарризони расмӣ**:

**Абдураҳимзода Қудратулло Саид** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи МДТ "Донишгоҳии давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав";

**Ахрорӣ Гулчеҳрахон Усмонзода** – номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид тарбияи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат дода, муаллифи диссертатсия Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзодаро шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) донистанд.

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ"

Муассисаи пешбар дар тақризи худ, аз 25-уми апрели соли 2025, суратмаҷлиси № 10/1, ки он аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Самиев Тоҳир Абдусамадович мураттаб шуда, бо имзои ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ", доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, ба диссертатсия баҳои мусбат додааст. Муассисаи тақриздиҳанда қайд менамояд, ки мавзуи интихобнамудаи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода мубраму муҳим буда, ба миён омадани зарурати ҷустуҷӯву татбиқи воситаву методҳои нави ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ ва ташкили шароити педагогӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ташаккули ин сифатҳо бо фарогирии тамоми имконияти макотиби олӣ асоснок менамояд.

*Натиҷагириҳои муаллиф дар* заминаи таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи масоили таҳқиқшаванда имкон фароҳам овардааст, муаллиф ба чунин *навгониҳои илмии таҳқиқот* ноил гардад, ки дар нуктаҳои зер ифода ёфтаанд: – консепсияи илмӣ ва амсилаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ бо дарназардошти арзишҳои миллӣ-ахлоқии халқи тоҷик коркард шудааст; – принсипҳо ва механизмҳои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ дар қаринаи таҳсилоти инсонпарварона бо дарназардошти ҳуввияти миллӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ асоснок гардидааст; – шартҳо ва омилҳое муайян шуданд, ки сатҳи баланди самаранокии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ ва бомуваффақият ҳамгиро шудани онҳоро ба фаъолияти таълимӣ-маърифатии таҳсилот дар мактаби олӣ таъмин мекунанд; – ҳамбастагии ташаккули маҳорати пойгоҳӣ, касбӣ, эҷодӣ ва сатҳи ташаккули сифатҳои фарҳангӣ – ахлоқии шахсияти донишҷӯ ошкор гардидааст.

*Аҳамияти назариявии* кори диссертатсионии Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти усул ва воситаҳои

ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ саҳми муайян мегузорад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти аз тарафи* Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода *гузаронидашуда* дар бунёди амсилаи воқеии ба амалия нигаронидаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ, коркарди муҷаҳҳазии иттилоотӣ-методии таъминкунандаи самаранокии баланди он, таҳияи дастурҳои таълим ва тавсияҳо оид ба ташкили раванди таҳсилот дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ифода ёфтааст.

Муассисаи пешбар таъкид намудааст, ки ҳадафу вазифаҳо, фарзияи илмии таҳқиқот ба мавзӯи он комилан мутобиқ мебошанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, доираи кофии сарчашмаҳои илмиву методӣ, методология ва методҳои дар таҳқиқот истифодашуда, интихоби пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ягонагии сохтори диссертатсияро таъмин намудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссерататсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шуданд, аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими забони англисӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамчунин эксперт автореферати диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда, онро ба мазмуни диссертатсия мувофиқ медонад.

Муассисаи пешбар дар баробари муваффақиятҳои таҳқиқот инчунин 4 нуқси корро ҳамчун эрод баён дошта, дар оянда ислоҳи онро мувофиқи матлаб медонад. Бо вуҷуди ин, эксперт таъкид кардааст, ки “эродҳои оварда шуда, ҷузъӣ буда, арзиши назарӣ ва амалии рисоларо коста намекунанд”.

Мазмун ва мухтавои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додаанд, нашр шудаанд. Теъдоди интишороти чоп шудаи довталаб дар маҷаллаҳои тавсияшуда, ба банди 35 Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудаанд, мувофиқанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) мебошад.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба шурои диссертатсионӣ ворид шуданд:

1. **Каримзода Мирзо Бадал** – доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Хулосаи тақриз мусбат аст. Эрод надорад.
2. **Шомуродзода Ҳасан** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.
3. **Насриддинова Майсара Муйдиновна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.
4. **Аминҷонова Мавлуда Самиҷоновна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзодаро барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда донистанд.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 26 марти соли 2025, протоколи №51 интихоб шуданд.

**Шурои диссертатсионӣ тибқи натиҷаи ҳимояи кушод қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Таҳлили адабиёти назариявии илмӣ ва равишҳои педагогӣ, ки бо ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ алоқамананд, таҳлил карда шуданд;
2. Шароитҳои педагогӣ ва дидактикие, ки ба ташаккули самараноки фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни таълим ва тарбияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат мекунанд, муайян ва асоснок карда шуданд;
3. Тавсияҳои методӣ оид ба ҳамгироии арзишҳои ахлоқӣ ва мероси фарҳангӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ таҳия карда шуданд;
4. Самаранокии шароитҳои педагогӣ ва дидактикии пешниҳодшуда дар раванди воқеии таълим ба таври таҷрибавӣ санҷида шуданд;
5. Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ таҳлил, тағйирот дар сатҳи фарҳанги ахлоқии донишҷӯён муайян шуда ва роҳҳои мушаххаси такмили ҷараёни

таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд;

6. Нақша ва воситаи кори таҷрибавӣ-эксперименталӣ муайян шуда, арзиши илмӣ-методии амсилаи таҳияшуда оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, системаи таъсири педагогӣ ба донишҷӯён бо воситаи омӯзиши забони хориҷӣ санҷида исбот карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:** Мафҳуми «шахсияти дорои арзишҳои ахлоқӣ», ки ба татбиқи мақсадгузорӣ, пешгӯии педагогӣ ва парвариши донишҷӯён мусоидат мекунад, мушаххас карда шудааст; системаи воситаҳои дидактикие, ки ба сатҳи баланди самаранокии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар шароити муосири системаи таҳсилот мусоидат мекунанд, таҳия шудааст; нақши пешбари арзишҳои фарҳанги миллӣ дар ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ ошкор карда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шуданд:**

1. Консепсия ва модели ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ бо назардошти арзишҳои ахлоқии халқи тоҷик таҳия шудааст.
2. Мафҳум ва механизмҳои татбиқи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавассути призмаи маорифи гуманистӣ бо дарназардошти менталитети миллӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ асоснок карда шудаанд.
3. Шароит ва омилхое, ки сатҳи баланди ташаккули самараноки фарҳанги ахлоқии донишҷӯёнро таъмин мекунанд ва мутобиқшавии муваффақи онҳоро ба фаъолияти таълимӣ ва омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъмин мекунад, муайян карда шуданд.
4. Муайян карда шуд, ки байни ташаккули малакаҳои асосӣ, касбӣ, эҷодӣ ва сатҳи ташаккули сифатҳои фарҳанги ахлоқии донишҷӯён робитаи зич вуҷуд дорад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути методологияи илмӣ, системаи воситаҳо ва усулҳои иловагӣ, мувофиқати интихоби методҳо ва санҷиши онҳо дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коркарди математикӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот; татбиқи маҷмуи усулҳои таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд, инчунин методикаи коркарди статикӣ таъмин карда мешавад.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зохир мегардад, ки** ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ нигаронида шудааст. Маълумоти методӣ, ки барои таъмини самаранокии баланд ва таҳияи дастурҳои таълимӣ ва тавсияҳо оид ба ташкил ва гузаронидани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст, аҳамияти назаррас доранд.

**Саҳми шахсии диссертант** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва

предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия бо мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи тахассусии илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад: банди 1 - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (назариёти илмӣ оид ба таҳқиқи рушди назариёти касбӣ, робитаи назария бо методикаи таҳсилоти касбӣ дар соҳаҳои педагогика ва дигар илмҳо; робитаи назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия, усулҳои таҳқиқоти таҳсилоти касбӣ); банди 10 - Омодасозии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳа; банди 16 - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи “Тартиби додани унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 11 нафар, аз онҳо 9 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 11 нафар (аз ҷумла 1 нафар тариқи онлайнӣ)

муқобили додани дараҷаи илмӣ нест

бюллетенҳои беэътибор нест

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 дар ҷаласаи худ аз санаи 02 июни соли 2025 зимни баррасии маърӯзаи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), хулосаи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор – Шаропов Шавкат Аҳмадович; хулосаи ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», №7 аз 25.02.2025с.; хулосаи муассисаи

пешбар – Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”, муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад.
2. Ба **Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода** дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА -046 назди МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдуллоева М.А.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-046,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Камолова М.Ф.

Имзоҳои М.А. Абдуллоева ва М.Ф.Камоловаро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.